# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Мубораkби Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ,таҳсилоти касбӣ (химия).**

Мавзуи интихобкардаи диссертант Исмоилова М.К. яке аз мавзуъҳои актуалӣ маҳсуб ёфта, дар раванди таълими фанни химия гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, таҷрибавӣ-озмоиширо бар мегирад.

Ҳадафи таҳқиқот, аз нуктаи назари илмӣ таҳия ва мураттаб намудани санҷиш, таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои методии ташаккули шавқу завқ, донишандӯзӣ, маҳорату малака ва фаъолияти таълимӣ – маърифатии донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ҷараёни таълими сикли фанҳои химия мебошад.

Муаллиф Исмоилова М.К. кайд менамояд, ки ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавии кимиёвӣ боиси шавқу завқи касбомӯзӣ, фаъолияти мустақилонаи таълимию маърифатӣ, эҷодию ҷустуҷӯии донишҷӯён мегардад.

Нақш ва мақоми машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ ва озмоишӣ-таҷрибавии химиявӣ, дар ташаккули фаъолияти зеҳнию ахлоқӣ, хотира ва тафаккури донишҷӯён нақши калидӣ дорад.

Тавсифи умумии автореферат, мубрамияти мавзуи интихобгардида, дараҷаи коркарди илмии проблема, объект, ҳадаф, вазифа ва фарзия, ғояи пешбар, сарчашмаҳо, навгонии илмӣ, арзишҳои назариявию амалӣ ва пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот, инчунин марҳилаҳои таҳқиқот, нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсияро дар бар гирифтааст.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони “Асосҳои назариявӣ ва методологии тайёр намудани донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия” номгузорӣ карда шуда, дар ин боб сарчашмаҳои илмию методологии олимони бурунмарзӣ ва ватанӣ оид ба инкишофи марҳилаҳои таърихии химия, гузаронидани машғулиятҳои шавқовар тавассути шабнишиниҳою викторинаҳои кимиёвӣ оид ба банду қисматҳои химияи умумӣ, роҳу усулҳо, методҳои таълимиро дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, тачрибавӣ-озмоишӣ, дар ҷараёни омӯзиши химия, аз нигоҳи педагогӣ ва дидактикӣ тавсифу баррасӣ карда шудааст.

**Боби дуввуми** диссертатсия ба “Машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия-асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён” номгузорӣ карда шуда, дар он пайдарпайии шарҳу баёни натиҷаҳои озмоишҳои (буришҳои) педагогӣ дар 3-марҳалаи тадқиқот (2017-2018, 2019-2020 ва 2020-2021), дар гурӯҳҳои озмоишӣ (эксперименталӣ) ва санҷишии (назоратӣ) курсҳои 1,2 ва 3-юми муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории касбии вилояти Хатлон, аз ҷумла ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара ва ДДБ ба номи Н.Хусрав мавриди омӯзиш ва таҳқиқи педагогӣ гардидаанд.

Бояд гуфт, ки мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Бобоев Б.Ҷ. дар 16 адад номгӯи корҳои илмӣ инъикос карда шудааст, аз ҷумла 6 адад дар маҷаллаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Инчунин диссертант Исмоилова М.К. ҳаммуаллифии чор дастури таълимӣ аз фанни химия мебошад, ки онҳо аз ҷониби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пайваста истифода бурда мешаванд.

Дар хулоса бояд қайд кард, таҳқиқотҳое, ки аз тарафи Исмоилова Мубаракби Кенжаевна расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ

таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумуи фанни химия саҳмгузор мегардад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Исмоилова Мубораки Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, таҳсилоти касбӣ (химия) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои химия, профессори
кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрук
мошинсозии Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қобилов Нарзулло

Имзои Н.Қобиловро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ-и ДИСДДТТ

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
Хиёбони И.Сомонӣ 169
Тел: +992 (3422) 6-03-21
Вебсайт: www.tguk.tj